«МИЛЛАТИ ҶИСМАН СОЛИМ РУҲАН НИЗ МУҚТАДИР ВА ШИКАСТНОПАЗИР АСТ»

Опубликовано 1 марта, 2025 - 13:31 пользователем Ҳайати тадорукот

[1]

Кормандони Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри таъмини оммавияти варзиш ва таҳкими солимии миллат дар Боғи фарҳангӣ-фароғатии ба номи «Низомиддин Алишер Навоӣ» субҳи 15-уми феврал дар машқи пагоҳирӯзӣ иштирок намуданд.

Мақсад аз роҳандозӣ намудани машқҳои пагоҳирӯзӣ бо иштироки кормандони вазорату идораҳо, пеш аз ҳама, тарғиби тарзи ҳаёти солим, пешгирии амалҳои номатлуб, пешгирии

фарбеҳшавӣ ва оммавӣ гардонидани варзиш мебошад.
Чорабинӣ бо мақсади иҷрои супориши муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми феврали соли 2025, дар бораи баргузор намудани машқҳои оммавӣ-варзишӣ, солимгардонӣ, машқҳои пагоҳирӯзӣ ва терренкур-роҳгардии саломатӣ таҳти унвони «Миллати ҷисман солим руҳан низ муқтадир ва шикастнопазир аст» доир карда шуд.

Таъкид карда шуд, ки бо дарназардошти манфиатбахшу дармонбахш будани машқи пагоҳирӯзӣ ва роҳгардӣ барои солимии ҳар фарди ҷомеа кормандони Кумита минбаъд ҳар рӯзи шанбе дар Боғи фарҳангӣ-фароғатии ба номи «Низомиддин Алишер Навоӣ» машқи пагоҳирӯзии дастаҷамъонаро идома хоҳанд дод.

Рейтинг контента: 1

Средняя оценка: 1 (1 голос)

Rate

Категория:

- Ахбори рӯз [2]

•

•

•

Источник::https://istilohot.tj/ru/node/7098?mini=2026-07

Ссылки
[1] https://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/IMG-20250301-WA0034.jpg [2] https://istilohot.tj/ru/taxonomy/term/10 [3] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250301-WA0022.jpg [4] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250301-WA0023.jpg [5] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250301-WA0034.jpg